## СУРАТҶАЛАСАИ №147

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

**аз 24 августи соли 2026**

**Иштирок кард:** Аз 16 нафар ҳайати шурои диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқшуда 14 нафар иштирок доштанд: Иматзода Л.М. – раиси шуро, Раҳимзода Х. – муовини раиси шуро, Котибова Ш.П. - котиби илмӣ, аъзоён: Негматов С., Латифзода Д.Н., Гулмадов Ф., Иззатова М.И., Каримзода М.Б. Туронов С.Ш., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., Ҳакимова Ҷ.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш. аз ҷумла, 3 нафар докторони илм ва 3 нафар номзадони илм оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешвад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

## РӮЗНОМА

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Иматзода Л.М., аъзои комиссияи экспертӣ д.и.п., профессор Каримзода М.Б., н.и.п., Туронов С.Ш., н.и.п., Лутфуллоева П.М. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад карданд.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9.

Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) барои ҳимоя иҷозат дода шавад.

Ба сифати муассисаи пешбар МДТ "**Донишгоҳи давлатии Данғара**" таъин карда шавад.

Ба сифати муқарризони расмӣ: **Шарофзода Шавкат Аҳмад** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва **Ошимова Махбуба Машарифовна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъин карда шаванд.

2. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

3. Рӯзи ҳимоя 29 октябри соли 2026 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Иматзода Л.М.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Котибова Ш.П.**

*Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.